**ТДУ 338.48 (575.3)**

# ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ - АСОСИ БАЛАНД БАРДОРИИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН

**Шарипов И.О.-** омӯзгори ДДБ ба номи Н. Хусрав.

***Калимаҳои калидӣ:*** *замин, самаранокӣ, технология, инноватсия, об, моликият, киштзорҳо, захираҳои об, хоҷагиҳо.*

Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва асосӣ масъалаи замин ва об буд ва боқӣ мемонад. Захираҳои замин, дар ҳақиқат боигарии асосӣ ва дастоварди тамоми вилоят дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Ногуфта намонад, ки замин шарти муҳимтарини мавҷудияти ҷомеаи инсонӣ, воситаи ивазнашавандаи таъмини талаботи гуногуни он- талаботи иқтисодӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, иҷтимоию маишӣ, эстетикии инсон аст.

Ҳудуди вилояти Хатлон ба 24,7 ҳазор км$^3$ (соли 2018) баробар буда, заминҳои таъиноти кишоварзӣ 4033,53 ҳазор га-ро ташкил медиҳад, аз ин 338 ҳазор га майдони заминҳои обёришаванда мебошанд. Бояд гуфт, ки дар вилояти Хатлон истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар 5 соли охир (2013-2018) тамоюли афзуншавӣ дорад. Аммо чун пешина дар бобати нигоҳдории замин, иқтидорҳои заминию захиравии мамлакат коҳиш ёфта истодаанд, ҳазорҳо гектар заминҳои кишоварзӣ бинобар сабаби нодуруст истифодабарӣ аз гардиши кишоварзӣ баромада истодааст.

Ислоҳоти гузарондаи замин асосан ба тағйири шакли моликият ба замин дахл дошта, масъалаҳои ташкили истифодаи самараноки заминро ба назардошти худи заминистифодабарандагон ҳал карда натавонист. Тағйироти дар қонунгузориҳои солҳои охир воридкарда низ на ҳамаи мушкилоти соҳаро ҳал карда тавонистааст. Дар назар дошта шуда буд, ки муносибатҳои бозорӣ заминистифодабарандагонро маҷбур мекунад, ки заминро самаранок истифода баранд. Аммо адами меъёрҳои аниқ, ки фаъолияти онҳоро дар ин бобат ба танзим медароранд, якҷоя бо шароити душвори умумииқтисодӣ сабабҳои асосии тағйироти манфӣ дар хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории заминҳои таъиноти кишоварзӣ гаштанд. Бо сабабҳои мухталиф вайроншавӣ (деградатсия) ва пастравии ҳосилхезии захираҳои замин шурӯъ шуд ва дар натиҷа ба оқибати ин шикасти иқтидори ташкилотҳои кишоварзӣ боис гардид.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватанӣ шаҳодат медиҳад, ки таъмини рушди сектори пешқадами истеҳсолоти аграрӣ ба роҳи рушди устувор танҳо аз ҳисоби интенсификатсия имконпазир аст; асоси онро равиши маҷмӯӣ ба ташаккули истифодаи самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ ташкил медиҳад.

Сохтори заминҳои кишоварзӣ аз махсусиятҳои минтақавии заминистифодабарӣ вобаста аст ва бо фарқиятҳои зиёди худ аз рӯйи ноҳия ва минтақаҳои иқтисодӣ баҳогузорӣ мешавад. Аз ин рӯ, нишондиҳандаҳои зерин чун вазни қиёсии киштзорҳои кишоварзӣ дар майдони умумии замин, вазни қиёсии замини шудгоршаванда дар сохтори киштзорҳои кишоварзӣ ба сифати далелҳои иловагӣ ҳангоми муайянкунии самаранокии истифодабарии замин ба кор мераванд.

Азбаски дар сохтори киштзорҳои кишоварзӣ мавқеи асосиро замини шудгоршаванда ишғол мекунад, истифодаи онҳо аз тарафи ташкилотҳои кишоварзӣ таваҷҷуҳи махсусро талаб менамояд. Аз ин рӯ, гурӯҳбандии корхонаҳои кишоварзӣ аз рӯйи андозаизаминҳои шудгоршаванда анҷом дода (ҷадв. 1.) мешавад.

**Ҷадвали 1.-Таркиб ва сохтори заминҳои киштзорҳои вилояти Хатлон аз рӯйи шакл, ҳазор га**

| Категорияи замин | Киштзорҳои хоҷагии қишлоқ | Шудгор | Бекор | Дарахтони бисёрсола | Алафдарав | Чарогоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Замин, ҳамагӣ | 1 897,1 | 1 508,5 | 54,8 | 17,6 | 53,5 | 262,7 |
| Заминҳои нуктаҳои аҳолинишин | 142,9 | 56,8 | 0,4 | 7,7 | 2,0 | 76,0 |
| Заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа ва таъиноти дигар | 2,7 | 0,8 | - | - | 1,2 | 0,7 |
| Замини ҳудудҳои махсус ҳифзшаванда | 2,0 | 0,7 | - | - | 0,6 | 0,7 |
| Заминҳои фонди ҷангал | 1,7 | 0,2 | — | — | 1,2 | 0,3 |
| Заминҳои эҳтиётӣ | 5,1 | 3,3 | 0,5 | — | 0,1 | 1,2 |
| **Ҷамъ** | **2051,5** | **1570,3** | **55,7** | **25,3** | **58,6** | **341,6** |

**Сарчашма:** ***Омори кишоварзии вилояти Хатлон барои солҳои 2011-2019. -С.74.*** **Аз муқоисаи маълумотҳои ҷадвали 1. чунин хулоса намудан мумкин аст:**

- зиёда аз 36,6%-и хоҷагиҳои вилоят аз 1000 гектар кам замини киштзорҳои кишоварзӣ доранд, 63,4%-и хоҷагиҳо бошанд дорои 1000 га заминанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки хоҷагиҳое, ки замини бештар доранд, сатҳи самаранокии баландро соҳибанд, зеро онҳо аз техника босамар истифода мебаранд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо минбаъд майдонҳои шудгоршаванда муттаҳид карда шуда,

кооперативҳои калони истеҳсолӣ ё кооперативҳои истеҳсолию тиҷоратӣ бо назардошти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ташкил карда шаванд;

- дар сохтори заминҳои кишоварзӣ вазни бештари қиёсиро замини шудгоршаванда ишғол мекунад, сипас дарахтҳои бисёрсола ва чарогоҳҳо мебошанд. Дар дурнамо, заминҳои ишғолшуда бо дарахтҳои бисёрсола меафзояд, зеро дар вилояти Хатлон шароити хуби агротехникӣ ва агроиқлимӣ мавҷуд аст, ки на танҳо барои афзоиши зироатҳои техникӣ ва ғалладонагӣ, балки барои ташаккул ва рушди боғдорӣ ва токпарварӣ мусоид аст;
- дар шаҳру ноҳияҳои кӯҳии вилояти Хатлон имконияти рушди чорводорӣ ҷой дорад.

Дар адабиёти илмӣ самаранокии истифодабарии захираҳои замин ҳамчун мафҳуми алоҳидаи «самаранокии иқтисодӣ» мавриди назар қарор дода шудааст, зеро дар маҷмӯъ бо мафҳумҳои «самаранокии экологӣ», «самаранокии иҷтимоӣ», «самаранокии технологӣ» якҷоя шарҳ дода шудааст. Азбаски нақши замин дар истеҳсолоти кишоварзӣ вазифаҳои зиёдро дорост, равиши мазкур барои омӯзиши самаранокии истифодаи захираҳои замин нисбатан воқеӣ буда метавонад.

Қоидаҳои асосии ташаккули нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ муддати дароз дар асоси нишондодҳои методӣ ба таҳияи нақшаҳои давлатии рушди хоҷагии халқ муайян карда мешуд. Дар ҳуҷҷатҳои мазкур нишондиҳандаҳои мушаххаси самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ гуфта инҳо дар назар дошта мешуданд:

- муносибати маҳсулоти умумӣ (бо нархҳои муқоисавӣ), даромади соф ва фоида ба андозаи киштзори замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ;
- фоидаоварӣ;
- нишондиҳандаҳое, ки сатҳи ҳосилнокии меҳнатро нишон медиҳанд;
- боздеҳии фонд ва ғайра.

Истифодаи захираҳои замин дар он ҳолат самаранок дониста мешавад, ки агар он талаботи иқтисодиро дар доираи дурандешии агротехнологӣ ва иқтисодӣ таъмин намояд, фаъолияти иқтисодӣ бошад, бо риояи талаботи агроэкологӣ ва беруние, ки ба заминистифодабарии самаранок нигаронда шудаанд, мувофиқ бошад.

Ба андешаи Айгунов А.Д. дар шароити норасоии маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ дар кишоварзӣ ҷудошавӣ (дифференциация)-и замонависозии техникӣ ва технологӣ дар доираи хоҷагиҳо мушоҳида мешавад. Вазифаҳои асосии ҷоринамоии технологияҳои нави агросаноатӣ бояд камкунии хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот ва кори иҷрошаванда, камкунии хароҷоти меҳнат ва беҳтарнамоии шароити кор, афзун намудани даромад ва фоиданокии махсулоти рақобатпазири хоҷагии қишлоқ бошанд [1, с.20].

Барои ҳар як аз қитъаи замин истифодаи технологияи махсуси мувофиқгардонда зарур аст, ки он бо назардошти махсусияти ҳамаи натиҷаҳои таҳлили замин ва таҳқиқоти агрохимиявӣ муайян карда мешавад, яъне тавассути омӯзиши сохтмони профили хок, таҳқиқоти агрофизикӣ ва хосиятҳои физикию химиявӣ, реҷаҳои обӣ, ҳавоӣ, гармӣ ва баланс ба даст оварда мешавад.

Технологияҳои пешниҳодшаванда имконият медиҳанд, ки зироати ғалладонагӣ дар бозорҳои хӯрокворӣ рақобатпазир, бо сатҳи баланди ҷубронпазирии захираҳо ба даст оварда шавад.Барои таҳияи истифодаи мувофиқгардондаи технология ва вариантҳои барномаҳои истеҳсолии истифодаи захираҳои замин дар корхонаҳои бисёрсоҳавии кишоварзӣ, модели иқтисодию математикии мувофиқгардонии технологияҳои истеҳсоли зироати ғалладонагӣ ба асос гирифта шуданд.

Модели мазкур аз сохтори блокию диагоналӣ иборат аст, ки имконият медиҳад параметрҳои технологияҳои парвариши зироати ғалладонагӣ ба ҳисоб гирифта шаванд. Бо назардошти истифодаи сарфакоронаи захираҳои моддӣ ва молиявии он барои истифодаи лоиҳаҳои мувофиқгардонда дар шаклҳои гуногуни технологияи парвариши зироати ғалладонагӣ барои корхонаҳои хоҷагии қишлоқи муайян пешниҳодҳо медиҳад.

Баҳисобгирӣ ва таҳлили технологияи амалан истифодашудаи парвариши зироатҳои кишоварзӣ, фарҳанги умумии заминдорӣ, аниқ муайян кардани самаранокии заминистифодабарӣ ғайриимкон аст. Натиҷаҳои моделикунонӣ нишон медиҳанд, ки дар асоси таҳқиқоти сенариявӣ воқеан муайян кардани роҳҳои мувофиқгардонии заминистифодабарӣ барои комбинатсияҳои гуногуни технология, ҳамчунин схемаҳои истифодабарии самараноки замин ва истифодаи агротехнология имконпазир аст.

Ҳамин тавр, омӯзиши алоқамандии заминистифодабарии самаранок ва дараҷаи азхудкунии технологияҳои базавии истеҳсолоти молӣ барои ландшафтҳои асосӣ хос буда, бадастории маҳсулоти рақобатпазири кишоварзӣ бе баҳисобгирии таъсири хароҷоти меъёрӣ ҳангоми технологияҳои гуногун ғайриимкон аст.

Вобаста ба ин, мувофиқи мақсад аст, ки корхонаҳои кишоварзӣ аз рӯйи сатҳи истифодаи технологияҳои базавӣ бо мақсади боз ҳам самаранок гузоштани захираҳо дар асоси истифодаи сарфакоронаи онҳо ва таносуб дар корхонаҳои кишоварзӣ ҷудо (дифференцияция) карда шаванд. Махсусан ин амалро ҳангоми ҷалби сармояҳои инфиродӣ бояд ба назар гирифт. Дар сатҳи давлатӣ истифодаи равиши дифференсиатсиякунонда ҳангоми муайянкунии андозаи субсидияҳо, дотатсияҳо, имтиёзҳо, ставкаҳои фоизӣ барои кредит ба корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодӣ, ҷиҳати сарфакорона истифода намудани захираҳои обӣ, усули муосири обёрии қатравии зироатҳои кишоварзӣ амал мекунад. Аз ин рӯ, дар диссертатсия самаранокии иқтисодии усули обёрии қатравӣ дар шароити хоҷагии деҳқонии «Муроди Боқӣ»-и вилояти Хатлон баҳогузорӣ карда шудааст (ҷадв. 2.)

**Ҷадвали 2. - Баҳодиҳии самаранокии иқтисодии истеҳсоли картошка бо истифода аз низоми обёрии қатрагӣ дар хоҷагии деҳқонии «Муроди Боқӣ »-и ноҳияи Кушониён, барои соли 2019**

| Зироат | Майдон, га | Ҳосилнокӣ, т/га | Ҷамъоварии умумӣ, т | Нарх, барои 1 т/ҳазор сомонӣ | Хароҷот барои 1 т, ҳазор сомонӣ | Фоида аз 1 т, ҳазор сомонӣ | Фоидаи умумӣ, ҳазор сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Картошка | 30 | 30 | 900 | 8,5 | 5,1 | 11,6 | 3060 |

**Сарчашма:** ***Ҳисоботи солонаи хоҷагии деҳқонии«Муроди Боқӣ »-иноҳияи Кушониёни вилояти Хадлон дар соли 2019 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.***

Таҳлилҳо дар ин самт нишон медиҳанд, ки аз як тонна картошка имконияти то 11,6 ҳазор сомонӣ фоида гирифтан имконпазир аст. Сабаби асосии афзоиши ҳосил ва ташаккулёбии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ин самаранок истифода кардани захираҳои об мебошад. Бояд хулоса намуд, ки дар шароити имрӯза афзалияти обмонии қатрагӣ назаррас арзёбӣ гардида, ин низоми обёрӣ захираҳои обиро нибат ба усули маъмулии обёрӣ то 80-90% сарфа менамояд. Усули мазкур на танҳо захираҳои обро дар соҳаи кишоварзӣ сарфа менамояд, балки раванди обёриро кӯтоҳ менамояд, захирашавии намнокиро дар атрофи решаи растанӣ таъмин менамояд, эрозия, шусташваии хок ва моддаҳои органикии таркиби хокро аз байн бурда, дараҷаи баҳрабардории зироатҳоро нисбат ба нуриҳои маъданӣ то 90-95 таъмин менамояд.

Ба таври назаррас баланд бардоштани самаранокии истифодабарии заминҳои обёришавандаи тавассути азнавсозии низоми куҳнаи обёрӣ ва сохтмони низомҳои нав, аз ҷиҳати техникӣ комили низомҳои обёрӣ ва хушккунӣ имконпазир мегардад. Дар ин бобат, таваҷҷуҳи бештарро ба низомҳои қатрагӣ, синхронию импулсӣ ва обёрии решагӣ, системаҳои пӯшидаи обёрӣ бо истифодаи лӯлаҳои оҳану бетонии ба фишор тобовар, лӯлаҳои асбесту сементӣ ва пластмассӣ, системаҳои хушккунии дорои заҳбурҳои пластмассӣ равона бояд кард.

Дар соли 2018 усули идораи реҷаи обёрии зироатҳои кишоварзӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои бухоршавии миёнарӯзӣ аз сатҳи хок таҳия гардид, ки имконият медиҳад 15 - 20%-и хароҷоти захираҳои моддию техникӣ сарфа карда, маблағҳои идораи реҷаи обёрӣ низ сарфа гардад. Масалан барои гандуми тирамоҳӣ 200 -250 сомонӣ/ га, барои ҷуворимакка- 480 ~ 560 сомонӣ, барои пахта- 870 – 960 сомонӣ / гектар сарфа шуданаш мумкин аст [2, с.5].

Дар заминҳои обёришаванда технологияҳои обсарфакунандаро ба роҳ мондан лозим аст. Чунончӣ, технологияи бидуни истифодаи гербитсид парвариш намудани шолӣ бо истифодаи киштгардони юнучқа дар он имконият медиҳад, ки обистифодабарӣ се баробар кам шавад ва ифлосшавии муҳити атроф аз миён бардошта шавад. Ҳамчунин, беҳтаргардонии кори селексионӣ оид ба ҷоринамоии навъҳои серҳосил ва гибридҳое, ки ба обёрӣ мувофиқанд ва ҷавобгӯйи талаботи технологияи индустриалианд, саривақтӣ ва муҳим ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ метавон хулоса намуд, ки ба баландбардории назарраси ҳосилнокии заминҳои обёришаванда тавассути таъмини сарфакоронаи корхонаҳо бо воситаҳои асосии истеҳсолӣ ва пеш аз ҳама, дар натиҷаи истифодаи техникаи ҳозиразамони обёришаванда, воситаҳои механизатсия барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ , насби таҷҳизоти зарурӣ барои истифодабарии системаҳои мелиоративӣ дар асоси саноатӣ ноил гардидан мумкин аст. Бояд механизатсияи маҷмӯии обёрии сатҳӣ ва воситаи автоматикунонии идораи системаҳои хоҷагии об бо

агрометеопараметрҳо ва бароҳмонии техникаи микропротсессорӣ ва МЭҲ ҷорӣ карда шаванд. Ҳамаи ин воситаҳои иловагиро талаб мекунанд. Ҳоло ин масъала дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон аз ҳисоби ду сарчашма мавриди ҳал қарор дорад: аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва сармоягузориҳо ва лоиҳаҳои байналмилалӣ.

Аз рӯйи суръати пешрафт бошад, дар давраи пешгӯӣ даромаднокии сабзавот нисбат ба дигар маҳсулоти қиёсшаванда зиёд буда, ҷиҳати рушди самаранокии минбаъдаи фаъолияти хоҷагидорӣ заминаи мусоид хоҳад гузошт. Яке аз ҳадафҳои рушди босуботи ҳудудҳо самаранокии истеҳсолӣ, ташкилӣ ва муҳити ҳуқуқии фаъолияти истеҳсолӣ мебошад, ки махсусияти равандҳои инноватсиониро муайян мекунад ва ба динамикаи рушди иқтисодиёт таъсири муҳим мерасонад [3, с.100].

Дар миёнаҳои асри XX технологияҳои ҳозиразамони иттилоотӣ бо истифодаи натиҷаи илмӣ рушди қобили мулоҳиза ёфта, таҳияи инноватсия ба рушди иқтисодӣ ба таври пешқадам таъсир расонд. Давраи мазкур бо номи «прогресси илмию техникӣ» машҳур шуд, ки дар он шакли олӣ инқилоби илмию техникӣ буд. Раванди рушди афзояндаи илм ва техника такмили тамоми ҷиҳатҳои истеҳсолотро бо ҳалли вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии корхона дар сатҳҳои микро, мезо ва макросатҳ таъмин мекунад, ки дар он ҳамчун шакли прогрессии илмию техникӣ инноватсия баромад хоҳад кард.

Захираи асосии истеҳсолии кишоварзӣ – ин замини таъиноти кишоварзӣ аст. Маҳз аз коркарди комили агротехникии замин, баланд намудани сифати таркибии он ҳосилнокии тамоми маҳсулоти кишоварзӣ вобастагӣ дорад. Бинобар он, ташкили киштгардони агроландшафтҳои илман асоснокшуда, тадриҷан даст кашидан аз нуриҳои минералӣ ва ташкили роҳҳои бехатари биологиву табиӣ, бехтар кардани сифати замин, яке аз самтҳои афзалиятноки татбиқи чораёни инноватсионӣ мансуб меёбад [4. с 74] .

Вазифаҳои асосии идораи захираҳои замин банақшагирӣ ва пешгӯии истифодаи замин; таъмини иттилоотӣ; ҳавасмандии иқтисодии истифодаи сарфакоронаи захираҳои замин; таъмини меъёрию ҳуқуқии низомҳои заминсозӣ; ташкили ҳудудҳо; мониторинг ва ҳифзи замин мебошанд [5. с 4]. Бо дарназардошти ин баландбардории самаранокии истифодабарии захираҳои заминро бо ёрии истифодаи инноватсияҳои технологӣ ноил шудан мумкин аст.

**АДАБИЁТ**

1. Айгунов А.Д. Программирование развития региона -М.: Диалог, МГУ, 1997.-С.20.
2. Земельный фонд Республики Таджикистан на состояние 01 января 2011, 2016, 2017, 2018, 2019 годы.
3. Абалкин Л.И. Диалектика социалистической экономики –М., 1981.- 100 с.
4. Одинаев Ш.Т., Асроров З.У. Механизми ташкилию иқтисодии рушди чораёни инноватсионӣ дар КАС- Душанбе,2017. –С.74.
5. Кодекси замини ҶумҳурииТоҷикистон - Душанбе, 2014. -С. 4.
6. Сарчашма: Омори кишоварзии вилояти Хатлон барои солҳои 2011-2019. -С.74.

## АННОТАЦИЯ
## ИННОВАЦИОНЫЕ ТЕХНОЛОГИИ – ОСНОВА ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫХ РЕСУРСОВ

В данной статье автором подвергается анализу проблема применения инновационых технологий и повышения эффективного использования земельных, и водных ресурсов.

Автор подчеркивает, что для каждого участка земли необходимо использование специальной соответствующей технологии, что определяется с учетом особенностей всех результатов анализа земли и агрохимических исследований, то есть достигатся посредством изучения строения профиля песка, агрофизических исследований и физико-химических свойств, водных, воздушных и термических репсимов.

***Ключевые слова:*** *земля, эффективность, технология, инновация, вода, собственность, пашня, водные ресурсы, хозяйства.*

## ANNOTATION
## THE USE OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES IS THE BASIS FOR IMPROVING THE EFFECTIVE USE OF LAND RESOURCES

In this article, the author analyzes the problem of applying innovative technologies and improving the effective use of land and water resources. The author emphasizes that for each plot of land, it is necessary to use a special appropriate technology, which is determined taking into account the features of all the results of land analysis and agrochemical studies, that is, achieved by studying the structure of the sand profile, agrophysical studies and physico-chemical properties, water, air and thermal reps.

***Key words***: *land, efficiency, technology, innovation, water, property, arable land, water resources, farms.*